**ФҶ ФҚХ “РУШДИ СУҒД”**

**ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИЕ, КИ МУТОБИҚИ ТАЛАБОТИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛЛАЛИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БА САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 ТАҲИЯ КАРДА ШУДААСТ ВА ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ**

## МУНДАРИҶА:

МАСЪУЛИЯТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ОМОДАСОЗӢ ВА ТАСДИҚ НАМУДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ........ 2

ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ ........ 3-5

ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ УМУМӢ ........ 6

ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ ........ 7

ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ........ 8

ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒИРОТ ДАР САРМОЯИ ХУДӢ ........ 9

ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ........ 10-31

## Масъулияти роҳбарият оид ба ҷавобгарӣ барои омодасозӣ ва тасдиқ намудани ҳисоботи молиявӣ дар давраe, ки санаи 31-уми декабри соли 2021 ба итмом расидааст

Тасдиқоти зерин бояд бо дарҷи ӯҳдадориҳои аудиторон, ки дар ҳисоботи аудиторони мустақил пешниҳод шуда бо мақсади ҷудо намудани ҷавобгарии аудиторон ва роҳбарият нисбати ҳисоботи молиявии Фонди Ҷамъиятии ФҚХ "Рушди Суғд" *(минбаъд дар матн - «Фонд»)* якҷоя дида баромада шавад.

Роҳбарияти *Фонд* барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ, ки аз ҳама ҷиҳатҳои муҳим ҳолати молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағирот дар сармояи худиро дар давраe, ки 31-уми декабри соли 2021 ба итмом расидааст мутобиқи талаботи стандартҳои ҳисоботи молиявӣ (минбаъд дар матн «СБҲМ») дуруст инъикос мекунад, ҷавобгар аст.

Роҳбарияти *Фонд* барои:

- Интихоби принсипҳои зарурии баҳисобгирии муҳосибавӣ ва минбаъд истифодабарии онҳо;
- Риояи талаботи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ ва ошкор кардани фарқиятҳои муҳим аз СБҲМ дар эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ;
- Омодасозии ҳисоботи молиявӣ бо назардошти он ки *фонд* фаъолияти худро дарояндаи дур ба ғайр аз ҳолатҳое, ки чунин ҳисобидан ғайриимкон аст идома медиҳад ҷавобгар аст.

Роҳбарият инчунин барои:

- Коркард, амалӣ намудан ва таъмини амал намудани системаи самаранок ва боэътимоди назорати дохилии *фонд*;
- Доштани системаи баҳисобгирии муҳосибавие, ки дорои имкони дар лаҳзаи дилхоҳ бо амиқии кифоя маълумот оиди ҳолати молиявии *фондро* мувофиқи талаботи СБҲМ тайёр карда тавонад;
- Пеш бурдани баҳисобгирии муҳосибавӣ тибқи талаботҳои қонунгузорӣ ва стандартҳои муҳосибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Андешидани чораҳо дар доираи марбути худ барои таъмини нигоҳдории дороиҳои *фонд*;
- Ошкор ва пешгирии далелҳои қаллобӣ, хатогиҳо ва дигар намуди суйистифодабариҳо ҷавобгар аст.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои давраe, ки 31-уми декабри соли 2021 ба итмом расидааст аз тарафи Роҳбарияти фонд тасдиқ шудааст.

Аз номи ФҚХ "Рушди Суғд":

| | |
|---|---|
| ____________________ | ________________ |
| **Директор** | **Сармуҳосиб** |
| **Ҳасанов Н.Р.** | **Норова З.Ҳ.** |

## ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

**Ба роҳбарияти**
**ФҶ ФҚХ “Рушди Суғд”**

### Ақида бо тавзеҳ

Мо аудити ҳисоботи молиявии пешниҳоднамудаи ФҶ ФҚХ “Рушди Суғд” *(минбаъд «Фонд»)*, ки ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2021 ва ҳисоботҳои дахлдорро дар бораи маҷмӯи даромадҳо, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағиротҳои сармояи худӣ дар соле, ки дар санаи зикргардида ба итмом расидааст ва инчунин изҳори мухтасари принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва дигар эзоҳҳоро нисбати ҳисоботи молиявии мазкурро дар бар мегирад ба итмом расонидем.
Ба ақидаи мо ба истиснои эҳтимолияти таъсири натиҷаҳои масоили дар қисмати **“Асос барои ибрози ақида бо тавзеҳ”** дарҷшудаи хулосаи мо ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда аз ҳамаи ҷиҳатҳои назаррас вазъи ҳақиқии молиявии “Фонд”-ро ба санаи 31-уми декабри соли 2021, инчунин натиҷаҳои молиявии он ва ҳаракати воситаҳои пулиро дар тули соле, ки дар санаи зикргардида ба охир расидааст, мутобиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) дуруст инъикос менамояд.

### Асос барои ибрози ақида бо тавзеҳ

**Ҳисобкунии беқурбшавии дороиҳо -** Ҳангоми таҳияи ҳисоботӣ молиявии мазкур Фонд беқурбшавии қарзҳоро мувофиқи сиёсати баҳисобгирӣ ҳисоб намудааст. Бо сабаби он, ки Фонд талабот оиди баҳодиҳии дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳоро мувофиқи талаботи СБҲМ 9 “Фишангҳои молиявӣ”-ро дар амал татбиқ накардааст, бинобар ин мо натавонистем далелҳои кофии аудиториро нисбати мувофиқ будани захираҳои ҳисобшуда барои дороиҳо пайдо кунем, ки таъсири истифодаи стандарти мазкурро ба дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳоро дар давраи ҳисоботӣ муайян намоем.

**Истифодабарии СБҲМ (IFRS) 16 “Иҷора”-**Мо диққатро ба он ҷалб менамоем,ки Фонд СБҲМ (IFRS) 16 «Иҷора”-ро дар амал татбиқ накардааст. Далелҳои мазкур натиҷаи қарори Роҳбарият мебошад.

### Масъалаҳои муҳими аудит

Масъалаҳои муҳими аудит – ин масоиле мебошанд, ки онҳо мутобиқи муҳокимаи касбии мо барои аудити ҳисоботи молиявии мазкур барои соли ҷорӣ бештар муҳим арзёбӣ гардидаанд. Ин масъалаҳо дар матни ҳисоботи молиявии мо дар маҷмӯъ ва ҳангоми ташаккулёбии ақидаи мо дар бораи ин ҳисобот баррасӣ гардидаанд. Мо ақидаи алоҳидаро вобаста ба масъалаҳои мазкур изҳор наменамоем.

**Ҳисоб намудани истеҳлоки воситаҳои асосӣ -** Барои ҳисоб намудани истеҳлоки воситаҳои асосӣ Фонд аз меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз истифода мебарад, ки он ба талаботи СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ» ва талаботи баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқ намебошад. Роҳбарияти Фонд истифодаи ин усулро афзал медонад.

**Баҳси судӣ-**Мо диққатро ба эзоҳи 6 ҷалб менамоем,ки он маълумот оиди баҳси судии аз ҷониби Фонд даъвошударо ошкор менамояд. Нисбати Фонд даъвои судӣ мавҷуд нест.
**Ҳодисаҳои баъди давраи ҳисоботӣ ба амал омада-** Мо диққатро ба эзоҳи 7 ҷалб менамоем,ки ҳодисаҳои муҳими баъди давраи ҳисоботӣ ба амал омадаро ошкор менамояд.
**Фаъолияти муттасила** – Ҳисоботи молиявии Фонд бо истифодаи усули муттасилаи фаъолият дар баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия шудааст. Роҳбарият нияти барҳамдиҳии Фонд ва ё ихтисор кардани фаъолияти онро дар ояндаи наздик надорад. Дар доираи аудити ҳисоботи молиявии гузаронидашуда мо ба хулосае омадем, ки истифодаи принсипи фаъолияти муттасила аз ҷониби Роҳбарият барои таҳияи ҳисоботи молиявии Фонд мувофиқи мақсад мебошад.

Ақидаи мо нисбати ҳодисаҳои мазкур бетағир боқӣ мондаанд.

Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмиллалии аудит (СБА) гузаронидем. Ӯҳдадориҳои мо мутобиқи ин стандартҳо дар қисмати "Ӯҳдадориҳои аудитор" дарҷ шудаанд. Мо нисбати Фонд мувофиқи талаботҳои этикии ба аудити ҳисоботи молиявии мазкур истифодашаванда вобастагӣ надорем. Аз тарафи мо инчунин дигар ӯҳдадориҳои этикӣ иҷро шуданд, ки талаботҳои этикӣ муайян намудаанд. Мо чунин меҳисобем, ки даделҳои аудитории комил ва заруриро барои изҳори ақида бо тавзеҳ гирифтем.

## Масъулияти роҳбарият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявӣ

Масъулият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявии мазкур ва мувофиқати он ба талаботҳои Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба зиммаи роҳбарияти *фонд* вогузор карда шудааст. Масъулияти мазкур аз таъсис додан, ҷорӣ ва дастгирӣ намудани сохтори назорати дохилӣ ҷиҳати омодасозӣ ва пешниҳоди ҳисоботи боэътимоди молиявӣ, ки дар худ таҳрифҳои ҷиддӣ дар натиҷаҳои сӯиистифодабариҳои молиявӣ, ҳамчунин натиҷаи хатогӣ надоранд; интихоб ва татбиқи сиёсати дахлдори баҳисобгирӣ, инчунин татбиқи баҳодиҳии муҳосибавии асоснок иборат мебошад.

## Масъулияти аудитор

Вазифаи мо аз изҳори ақида ҷиҳати дуруст будани ҳисоботи молиявии мазкур дар асоси аудити гузаронидаи мо иборат мебошад. Мо аудитро мутобиқи талаботҳои Стандарти байналмилалии аудит ба анҷом расонидем. Стандартҳои мазкур аз мо риоя намудани

меъёрҳои этики, инчунин ба нақшагирӣ ва гузаронидани аудитро бо мақсади боварии комил ҳосил намудан, ки ҳисоботи молиявӣ дорои таҳрифҳои ҷиддӣ намебошад талаб менамоянд. Аудит дар худ анҷом додани амалиётҳое, ки ба гирифтани далелҳои аудиторӣ нисбати нишондиҳандаҳои шуморавӣ ва эзоҳ ба ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад. Интихоби амалиётҳои зарурӣ аз фикру ақидаи касбии аудитор асос меёбад, ки аз он ҷумла баҳо додан ба хавфи муҳими таҳрифи ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи суистифодаи молиявӣ ё хатогиҳо асос мегирад. Баҳодиҳии чунин хавфҳо, баррасии сохтори назорати дохиларо аз рӯи омодасозӣ ва дуруст будани ҳисоботи молиявӣ бо мақсади коркарди амалиётҳои аудитие, ки дар ҳолатҳои мазкур татбиқ мешаванд дар бар мегирад, на бо мақсади изҳори фикру ақида нисбати самаранокии сохтори назорати дохила асос меёбад. Аудит таҳлили принсипҳои ҳисоботи муҳосибавӣ ва муҳимияти баҳодиҳиро, ки аз ҷониби роҳбарият омода шудааст, инчунин баҳодиҳии умумиро нисбати ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад.

Дар доираи санҷиши аудит мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит мо ақидаҳои касбии худро дар давоми санҷиш нигоҳ медорем.

Мо инчунин:

- Хавфи таҳрифи ҳисоботи молиявии вобаста ба қаллобӣ ё ин ки хатогиҳоро муайян менамоем ва баҳодиҳӣ менамоем, барои таъмин намудани далели кофӣ вобаста ба чунин хавфҳо санҷиши аудиторӣ мегузаронем ва далелҳои кофӣ ба даст меорем;
- низоми назорати дохилиро на бо мақсади баҳо додан ба самаранокии он, балки бо мақсади таҳияи мушоҳидаҳои аудиторӣ ки барои ҳолатҳои мувофиқ дахл дорад меомӯзем;
- барои ба мавқеъ истифода бурдани сиёсати ҳисобдорӣ ва асоснок будани маълумотҳои дар эзоҳот дарҷкардаи Роҳбарият баҳо медиҳем;
- дар асоси истифодаи бамавқеъ ва мунтазами низоми муҳосибии доимӣ проседураҳои аудиториро барои муайян намудани номуайянниҳои назаррас вобаста ба ҳодиса ва воқеаҳо, ки метавононд шубҳаҳои ҷиддиро оид ба фаъолияти Фонд ҳамчун субъекти фаъолияти худро дар оянда идомадиҳанда ба амал меоранд анҷом медиҳем.
- оиди аз тарафи роҳбарият мақсаднок истифода бурдани принсипи мунтазами фаъолияти баҳисобгирии муҳосибавӣ ва дар асоси далелҳои гирифташуда муайян намудани он ки оё номуайянии муҳим нисбати ҳодиса ва шароитҳое,ки дар оянда қобилияти Фондро барои идома додани фаъолият зери шубҳа мебаранд хулосабарорӣ мекунем. Хулосаҳои мо дар асоси далелҳои аудитории то санаи пешниҳоди ҳисоботи аудиторӣ гирифта асос меёбанд. Минбаъд ҳодисаҳо ва шартҳои оянда ба амал меомада ба гум кардани қобилияти Фонд барои идомаи фаъолият оварда мерасонанд;

- дар маҷмӯъ баҳодиҳии пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, сохтор ва мазмуни он бо назардошти тавзеҳоти маълумот, инчунин таъмини саҳеҳии пешниҳоди амалиётҳои аз он ҳодиса ва шартҳои асосёфтаро мегузаронем.

Дар асоси истифодаи бамавқеъ ва мунтазами низоми муҳосибии доимӣ проседураҳои аудиторӣ барои муайян намудани номуайянниҳои назаррас вобаста ба ҳодиса ва воқеаҳо, ки метавонанд шубҳаҳои ҷиддиро оид ба фаъолияти Фонд ҳамчун субъекти фаъолияти худро дар оянда идомадиҳанда ба амал меоранд анҷом медиҳем.

Мо бо роҳбарият оиди ҳаҷм ва мӯҳлати аудит, инчунин дар бораи проблемаҳои муҳими дар ҷараёни аудит ошкоршуда, аз он ҷумла оиди камбудиҳои назарраси низоми назорати дохилӣ тамос мегирем. Мо инчунин ба шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ тасдиқнома оиди аз тарафи мо риоя намудани тамоми талаботҳои этикӣ нисбати мустақилият ирсол менамоем, онҳоро оиди ҳамаи муносибатҳо ва дигар масъалаҳое,ки мумкин аст ба мустақилияти аудиторон таъсир расонанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ – оиди чораҳои дахлдори эҳтиётӣ огоҳ намудем

________________

**Дустов Сафарбек Савриддинович**

**Директори ҶДММ «Консултант Аудит»**

**Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон- БМТ №0000139 аз 29 апрели соли 2021 ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Шаҳодатномаи тахассусии аудитори бонкӣ БМТ №0000010 аз 08 январи соли 2014**

**23 апрели соли 2022**

# ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ УМУМӢ

дар санаи 31-уми декабри соли 2021 ба итмом расида

| Моддаҳо | Эзоҳ | 2021с. | 2020с. |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | **4.1** | 1 290 979 | 1 282 786 |
| Хароҷоти фоизӣ | | - | - |
| **Даромади холиси фоизӣ** | | **1 290 979** | **1 282 786** |
| Хароҷот барои ташаккули ФПТИ | **4.2** | (86 188) | (110 839) |
| **Фоида (зарари) амалиётӣ** | | **1 204 791** | **1 171 947** |
| Даромад аз хизматрасониҳои комиссионӣ | | - | - |
| Хароҷоти хизматрасониҳои комиссионӣ | **4.3** | (345) | - |
| Дигар даромадҳои амалиётӣ | **4.4** | 106 076 | 10 557 |
| Хароҷоти идоравӣ ва дигар хароҷоти амалиётӣ | **4.5** | (1 229 385) | (1 232 633) |
| **Фоида (Зиён) то андозбандӣ** | | **81 137** | **(50 129)** |
| Андоз аз фоида | **4.6** | (48 067) | (48 644) |
| **Фоидаи соф /зиён/** | | **33 070** | **(98 773)** |

**Директор** — **Сармуҳосиб**

**Ҳасанов Н.Р.** — **Норова З.Ҳ.**

# ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

Ба 01 январи соли 2022

| | Эзоҳ | 31.12.2021с. | 31.12.2020с. |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо | **5.1** | 5 744 | 260 |
| Қарзҳои ба мизоҷон додашуда | **5.2** | 5 464 493 | 4 979 361 |
| Фоизҳо барои гирифтан | **5.3** | 90 087 | 91 228 |
| Дороиҳои ҷории дигар | **5.4** | 101 365 | 169 583 |
| Гаравҳои гирифташуда барои фуруш | **5.5** | - | 358 604 |
| Воситаҳои асосӣ | **5.6** | 75 556 | 88 357 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | **5.7** | 6 807 | 10 273 |
| Сармоягузорӣ | **5.8** | 23 600 | 23 600 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **5 767 653** | **5 721 265** |
| **Ӯҳдадориҳо** | | | |
| Андозҳо барои пардохт | **5.9** | 1 181 | 2 010 |
| Ӯҳдадориҳои ҷории дигар | **5.10** | 25 016 | 15 073 |
| **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо** | | **26 197** | **17 084** |
| **Сармояи худӣ** | | | |
| Сармояи захиравӣ барои фаъолияти оянда | **5.11** | 1 304 855 | 1 304 855 |
| Захираи умумӣ | **5.11** | 96 000 | 96 000 |
| Сармояи изофавӣ | **5.11** | 1 209 875 | 1 209 875 |
| Фоидаи тақсимнашуда | **5.11** | 3 130 726 | 3 093 451 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **5 741 456** | **5 704 182** |
| **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо ва сармоя** | | **5 767 653** | **5 721 265** |

| | |
|---|---|
| **Директор** | **Сармуҳосиб** |
| **Ҳасанов Н.Р.** | **Норова З.Ҳ.** |

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ

дар санаи 31-уми декабри соли 2021 ба итмом расида

| | эзоҳ | 2021с. | 2020с. |
|---|---|---|---|
| **Ҳаракати воситащои пуль аз рӯи фаъолияти амалиётӣ** | | | |
| **Фоидаи (зиёни) соф** | | **33 070** | **(98 773)** |
| Тасҳеҳи фоидаи то андозбандӣ: | | | |
| Хароҷоти фарсоиш ва истеҳлоки дороиҳо | | 32 334 | 53 972 |
| Хароҷоти ташаккулдиҳии фонди махсус аз рӯи қарзҳо | | 86 188 | - |
| Даромад аз барқарорсозии дороиҳо (қарзҳо) | | (7 962) | - |
| Хароҷоти андози фоида | | 48 067 | - |
| Дигар хароҷоти ҳисобкардашуда | | 40 277 | - |
| **Гардиши софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то тағйирот дар амалиёт бо дороиҳо ва ӯҳдадориҳо** | | **231 975** | **(44 801)** |
| **Тағирёбии дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳо:** | | | |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси қарзҳои мизоҷон | | (563 311) | (31 067) |
| Афзуншавӣ\камшавии ҳисобҳо барои гирифтан | | - | (23 591) |
| Афзуншавӣ\камшавии гарави гирифташуда барои фуруш | | 358 604 | - |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси захираҳо | | - | (2 427) |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси дороиҳои дигар | | - | 398 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси андози фоида | | - | (3 058) |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси дигар ӯҳдадориҳо | | (15 057) | 14 040 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси захира ва фондҳо | | - | 83 765 |
| **Ҳаракати холиси тағирёбии дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳо:** | | **(219 764)** | **38 060** |
| **Гардиши холиси воситаҳои пулӣ барои фаъолияти амалиётӣ** | | **12 210** | **(6 741)** |
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз рӯи амалиётҳои маблағгузорӣ** | | | |
| **Воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | | |
| Хариди таҷҳизот ва моликият | | (6 726) | - |
| Хариди дороиҳои ғайримоддӣ | | - | - |
| **Гардиши холиси нақдина барои фаъолиятҳои сармоягузорӣ** | | **(6 726)** | **-** |
| **Ҳаракати нақдина аз рӯи фаъолияти молиявӣ** | | | |
| **Гардиши софи нақдина аз рӯи фаъолияти молиявӣ** | | **-** | **-** |
| **Тағирёбии холиси нақдина** | | **5 484** | **(6 741)** |
| **Воситаҳои пулӣ дар аввали сол** | **1** | 260 | 7 001 |
| **Воситаҳои пулӣ дар охири сол** | **1** | 5 744 | 260 |

**Директор** **Сармуҳосиб**

**Ҳасанов Н.Р.** **Норова З.Ҳ.**

# ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒИРОТ ДАР САРМОЯ

дар санаи 31-уми декабри соли 2021 ба итмом расида

| | Сармояи захиравӣ барои фаъолияти оянда | Сармояи изофа | Фоидаи тақсимнашуда (Зиён) | Захираи умумӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия ба 01 январи соли 2020** | **1 304 855** | **1 209 875** | **2 543 977** | **96 000** | **5 154 707** |
| Фоидаи соф (зарар) | - | - | (98 773) | - | **(98 773)** |
| Тасҳеҳи сармояи захиравӣ | - | - | 648 247 | - | **648 247** |
| **Бақия ба 31 уми декабри соли 2020** | **1 304 855** | **1 209 875** | **3 093 452** | **96 000** | **5 704 182** |
| Фоидаи соф (зиён) | - | - | 33 070 | - | 33 070 |
| Тасҳеҳи фоидаи тақсимнашуда | - | - | 4 204 | - | 4 204 |
| **Бақия ба 31 уми декабри соли 2021** | **1 304 855** | **1 209 875** | **3 130 726** | **96 000** | **5 741 456** |

**Директор** **Сармуҳосиб**

**Ҳасанов Н.Р.** **Норова З.Ҳ.**

# ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

## ЭЗОҲИ 1. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТ

### 1.1 Маълумоти мухтасар дар бораи Фонд

Фонди ҷамъиятии ФҚХ "Рушди Суғд" *(минбаъд- «фонд»)* шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда фаъолияти худро дар асоси Оиннома, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ ба роҳ мондааст.

Фонд қаблан аз ҷониби Вазорати Адлияи ҶТ, Шаҳодатномаи қайди № 001-3424 аз 04.12.2006 ба қайд гирифта шуда буд. Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» дар Кумитаи Андози назди Ҳукумати ҶТ аз нав ба қайд гирифта шуда, шаҳодатномаи қайди давлатии № 00081356 аз таърихи 25.04.2010 –ро соҳиб гардидааст.

Бо сабаби тағири ном Фонди Қарзии Хурди «Рушди Суғд» аз қайди такрории шахсони ҳуқуқӣ дар Кумитаи Андоз гузашта, шаҳодатномаи бақайдгирии № 0272452 аз таърихи 28.02.2013 –ро соҳиб гаштааст.

РЯМ 6310003031

РМА 630008171

Муассисони Фонд ташкилотҳои ҷамъиятии зерин мебошанд:

| | Маблағи саҳм | % |
|---|---|---|
| ТҶ «Маркази дастгирии ҷ.Мехнатобод» н.Зафаробод | 115 500 | 8,852% |
| ТҶ «Маркази дастгирии ҷ. Ҳамид Алиев» н. Зафаробод | 120 390 | 9,226% |
| ТҶ «Маркази дастгирии ҷ. Равшан» н. Зафаробод | 125 445 | 9,614% |
| ТҶ «Маркази дастгирии ҷ. Ашт» н. Ашт, ҷ.Ашт | 148 935 | 11,414% |
| ТҶ «Маркази дастгирии ҷ. Ошоба» н. Ашт | 142 180 | 10,896% |
| ТҶ «Маркази дастгирии ҷ.Янгиҳаёт» н. Ҷ. Расулов | 99 700 | 7,641% |
| ТҶ «Маркази дастгирии ҷ.Гулхона» н. Ҷ. Расулов | 43 245 | 3,314% |
| ТҶ «Маркази дастгирии ҷ. Қистакӯз» ноҳияи Б. Ғафуров | 199 900 | 15,320% |
| ТҶ «Маркази дастгирии ҷ. Овчикалъача» н. Б. Гафуров | 117 200 | 8,982% |
| ТҶ «Маркази дастгирии ҷ. Лаккон» Исфара, ҷ.Лаккон | 102 360 | 7,845% |
| ТҶ «Маркази дастгирии ҷ. Чоркӯҳ» ш. Исфара | 90 000 | 6,897% |
| **ҶАМЪ:** | **1 304 855** | **100,00%** |

Дар асоси Қарори Раёсати Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 22 апрели соли 2013 иҷозатнома барои иҷрои амалиётҳои зерин дода шудааст:

-додани қарзҳо (бо таъмин ва бетаъмин) ;

-карордодҳои форвардӣ ва своп барои худ.

**Мақомоти идоракунии фонд:**

Мақоми олии идоракунии фонд – Шӯрои парасторон мебошад.

Аъзои Шӯрои парасторон:

1. Муллоев Зариф Насибалиевич -раис
2. Ҷӯрабоева Матлуба Турсунбоевна
3. Мирбобоев Неъматҷон Рӯзибоевич

**Раёсати фонд**

1. Ҳасанов Нӯъмон Расулович - Директори ФҚХ
2. Норова Зарина Ҳакимовна - Сармуҳосиб
3. Мирзовалиев Назирали Джиянович
4. Қаюмова Мунзифа Ғаниевна
5. Холиқова Замира Ҷураевна

Фонд дар нишонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, кӯчаи К.Хуҷанди бинои 83 воқеъ гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ фонд 4 филиали бақайдгирифташуда ва 1 маркази хизматрасонӣ дорад:

Филиали Фонд дар ш. Исфара (ҷ. Лаккон, к. Марказӣ 28);

Филиали Фонд дар ноҳияи Зафаробод (ҷ. Ҳамид Алиев, к.Ҳилолӣ);

Филиали Фонд дар ноҳияи Ашт (ҷ. Ашт, қ. Сари Бозор) ;

Филиали Фонд дар ноҳияи Ҷ. Расулов (ҷ. Ҳаёти нав, д. Меҳргон куч. Москва 23а).

Маркази хизматрасонӣ дар ноҳияи Б. Ғафуров ( ҷ.Хистеварз, к.А.Назиров 74).

**1.2 Муҳити иқтисодие, ки "Фонд" дар он фаъолияти иқтисодию молиявии худро амалӣ менамояд:**

**Шарҳи мухтасар**

Фонди Ҷамъиятии Фонди қарзии хурд "Рушди Суғд" (*минбаъд - Фонд*) фаъолияти худро пурра дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Мувофиқан ба фаъолияти он ҳолати иқтисодӣ ва бозорҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, ки ҳамчун бозори рӯ ба рушд ҳисобида мешаванд.

Солҳои 2020-2021 иқтисодиёти Тоҷикистон чун дигар давлатҳои ҷаҳон бинобар сабаби пандемияи коронавирус (ковид-19) зиён дид, чунки ҳазорон муҳоҷирон бинобар сабаби бастани сарҳадҳо ва манъи вуруд ба Федератсияи Руссия ва дигар давлатҳои минтақа имкони вурудро ба ҳудуди онҳо барои кор надоштанд. Инчунин маҳдуд шудани воридоту содироту молҳо дар аксари кишварҳо боиси коста шудани воридот ба буҷа гардиданд.

Муҳити фаъолияте, ки Фонд дар он фаъолият мекунад, бо шароитҳои иҷтимоию иқтисодие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадаанд, муайян карда мешавад, ки аҳамияти он барои фаъолияти Фонд хеле баланд буда, аз вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ, ки дар бозори молиявӣ ва қарзӣ фаъолият мекунанд, вобаста аст.

Тибқи иттилои БМТ, 23 ташкилоти қарзӣ ба далели муфлисшавӣ дар марҳилаи барҳамдиҳӣ қарор доранд. Ташкилотҳои қарзие, ки дар марҳилаи барҳамдиҳӣ бо асосҳои муфлисшавӣ қарор доранд 9 ададро ташкил медиҳанд. Ташкилотҳои қарзие, ки дар марҳилаи ихтиёран барҳамхӯрӣ қарор доранд, 26 ададро ташкил медиҳанд.

Дар ҳоли ҳозир дар бозори бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 бонк, 18 ТАҚХ, 4 ТҚХ ва 27 ФҚХ фаъолият мекунанд.

Соли 2021 Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори раёсат иҷозатномаи ҶСП "Кафолатбонк", ҶСП Бонки фаръии Покистон, ҶСП "Бонки Осиё", ҶДММ "Мадина ва Ҳамкорон", ҶСК "Агроинвестбонк", ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" ва ҶСП ТАҚХ " СМТ-Сармоя"-ро бозхонд кард.

Ҳолати таъсири пандемияи коронавирус (ковид-19) ба иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон, пастшавии қурби асъори миллӣ нисбат ба арзи хориҷӣ, камшавии воридоту содироти мол, омилҳое мебошанд, ки ба камшавии ҳаҷми интиқоли воситаҳои пулӣ бо арзи хориҷӣ аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба ҳолати молиявии мамлакат таъсири бузурги манфӣ мерасонанд. Ин омилҳо ба камшавии қисми даромади буҷет, суст шудани қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ ва фаъолнокии сегментҳои алоҳидаи иҷтисодиёти мамлакат боис мегарданд.

Ҳисоботи молиявии мазкур нуқтаи назари роҳбариятро инъикос менамояд, ки чи гуна шароити пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият ва ҳолати молиявии Фонд таъсир мерасонад. Таъсири ҳақиқии шартҳои ояндаи фаъолияти хоҷагидорӣ мумкин аст аз баҳодиҳии роҳбарият фарқ кунад

## ЭЗОҲИ 2. АСОСҲОИ ОМОДАСОЗИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Асос барои омодасозии ҳисоботи молиявии *Фонд* талаботи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявӣ фарзияи асоси ин усули ҳисобкунӣ ва усули фаъолияти муттасили Фонд ба ҳисоб мераванд.

Усули ҳисобкунӣ тахмин мекунад, ки таъсири амалиётҳо ва дигар ҳодисаҳо дар ҳисоботи молиявӣ дар лаҳзаи содиршавии онҳо эътироф карда мешаванд на ҳангоми воқеиятан гирифтан ва пардохтани воситаҳои пулӣ дар давраҳои мутаносиби ҳисоботӣ.

Усули мутассилӣ пешбинӣ мекунад, ки *Фонд* ният ва зарурияти барҳамхурӣ ва ё ихтисори муҳими фаъолиятро дар ояндаи наздик надорад.

### 2.1 Таркиби ҳисоботи молиявӣ

Таркиби ҳисоботи молиявии *Фонд* аз ҳисоботи зерини молиявӣ иборат аст:

- ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ;
- ҳисобот оиди даромади умумӣ;
- ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ;
- ҳисобот оиди тағирот дар сармоя;
- эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ.

Давраи ҳисоботии Фонд соли тақвимӣ (аз 01 январ то 31 декабр) ба ҳисоб меравад. Моддаҳои муҳими ҳисоботи молиявӣ кушода ва алоҳида оварда шудаанд, моддаҳои дуюмдараҷа гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

### 2.2 Асъори ҳисобот

Ба сифати асъори амалкунанда ва асъори пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ Фонд пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сомониро истифода мебарад.

## ЭЗОҲИ 3. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ

### 3.1 ЭЪТИРОФ ВА БАҲОДИҲИИ ФИШАНГҲОИ МОЛИЯВӢ

Асосҳои пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ

Ҳисоботи молиявии мазкур мутобиқи СБҲМ дар асоси қоидаҳои баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши таърихӣ, бо тасҳеҳ ба эътирофи ибтидоии фишангҳои молиявӣ аз рӯи арзиши одилона ва азнавбаҳодиҳии биною иншоот, дороиҳои молиявие, ки барои фуруш мавҷуд ҳастанд ва фишангҳои молиявии аз рӯи арзиши воқеӣ ба воситаи фоида ва зиён баҳододашаванда таҳия шудааст. Принсипҳои сиёсати баҳисобгирие,ки ҳангоми таҳия ҳисоботи молиявии мазкур истифода шудаанд дар поён оварда шудаанд. Принсипҳои мазкур нисбати ҳамаи давраҳои дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳодшуда мунтазам истифода шудаанд.

**Фишангҳои молиявӣ-асосҳои наздик шудан барои баҳодиҳӣ.**
Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳо ҳангоми баҳодиҳии ибтидоӣ аз рӯи арзиши одилона, инчунин дар ҳолати фишангҳои аз рӯи арзиши одилона ба воситаи фоида ва зиён баҳододанашаванда, хароҷот аз рӯи аҳди бевосита ба фишангҳои молиявӣ алоқаманд ба ҳисоб гирифта мешаванд**.**

**Арзиши одилона** - ин арзишест, ки мумкин аст ҳангоми фуруши дороӣ, ё ҳангоми додани ӯҳдадорӣ дар вақти гузаронидани аҳди маъмули байни иштирокчиёни бозор дар санаи баҳогузорӣ пардохт карда мешавад, ба даст ояд. Беҳтарин тасдиқи арзиши одилона ин арзиши нархмонӣ дар бозори фаъол баҳисоб меравад. Бозори фаъол ин бозорест ки дар он амалиёт бо дороӣ ё ӯҳдадорӣ дар ҳаҷм ва суръати кифоя гузаронида шуда имконият медихад маълумотро дар бораи баҳогузориҳо мунтазам дастрас кунад.
Арзиши одилона фишангҳои молиявиеро, ки дар бозори фаъол гардиш мекунанд, ҳамчун маблағе, ки ҳангоми зарби арзиши калобанда нисбати дорои алоҳида ё ӯҳдадорӣ ба шумораи онҳо, ки фонд нигоҳ медорад ба даст меояд баҳо дода мешавад.
Моделҳои баҳогузорӣ, аз қабили модели дисконткунии селаҳои пулӣ, инчунин моделҳои аз амалиётҳои монанди байни тарафҳои мустақил ё ба арзиши ҷории объекти сармоя асосёфта, барои муайянкунии арзиши воқеии фишангҳои молиявӣ, ки барои онҳо маълумоти бозорӣ оид ба нархи аҳдҳо дастнорас аст, истифода бурда мешаванд.
Натиҷаҳои баҳогузории арзиши одилона аз рӯи дараҷаи иерархии арзиши одилона ба чунин тарз таҳлил ва тақсим карда мешаванд: (i) ба дараҷаи 1 баҳогузориҳо бо нархҳои таъиншуда (таъиннашуда) дар бозори фаъол барои дороиҳои ҳамсон ва ӯҳдадориҳо дохил мешаванд, (ii) ба дараҷаи 2- бо ёрии моделҳои баҳогузорӣ гирифташаванда ки дар онҳо ҳамаи маълумоти муҳими ибтидоии истифодашаванда ки бевосита (мисол, нарх) ва ё бавосита (дар асоси нархҳо ҳисобшуда) ҳам барои дороиҳо ва ё ӯҳдадориҳо назоратшаванда мебошанд ва (iii) баҳодиҳии дараҷаи 3, баҳодиҳие, ки танҳо ба маълумотҳои бозории назоратшаванда асоснаёфта баҳисоб мераванд. Гузариш аз як

дараҷа ба дараҷаи дигари иерархия арзиши одилона дар охири давраи ҳисоботӣ қобили қабул донист мешаванд.

### Методи меъёри фоизии самаранок

Ин методи тақсими даромадҳои фоизӣ ва ё хароҷотҳои фоизӣ дар тули давраи муайян бо мақсади таъмини меъёри фоизии доимӣ дар ҳар давра (меъёри фоизии самаранок) ба арзиши тавозунии фишанг аст. Меъёри фоизии самаранок-ин ставкаи амиқи дисконткунии пардохтҳои пулӣ ё воридшавии (ба ғайр аз зарарҳои кредитии оянда) оянда дар мӯҳлати интизоршавандаи амали фишанги (воситаи) молиявӣ, ё дар ҳолати дахлдор дар мӯҳлати нисбатан кӯтоҳтар то арзиши тавозунии софи фишанги молиявӣ.

### Эътирофи ибтидоии фишангҳои молиявӣ

Фишангҳои ҳосилшуда ва дигар фишангҳои молиявии бо роҳи арзиши одилона ба воситаи фоида ва зиён баҳододашаванда дар ибтидо бо арзиши воқеӣ эътироф карда мешаванд. Ҳама гуна фишангҳои молиявии дигар дар ибтидо бо арзиши одилона дар якҷоягӣ бо хароҷотҳо аз руи аҳд инъикос карда мешаванд. Беҳтарин роҳи тасдиқи арзиши воқеӣ ҳангоми эътирофи ибтидоӣ, нархи аҳдномавӣ мебошад. Фоида ё зиён ҳангоми эътирофи ибтидоӣ танҳо дар ҳолате ба эътибор гирифта мешаванд, ки агар байни арзиши одилона ва нархи аҳднома фарқияте бошад, ки ҳамчун тасдиқи он дигар аҳдҳои ҷории мушоҳидашаванда дар бозор бо ҳамин фишанг ё модели баҳогузорӣ, ки ба сифати маълумоти асосӣ танҳо маълумоти бозори мушоҳидашавандаро истифода мебаранд.
Хариду фуруши дороиҳои молиявие, ки воридкунии онҳо аз рӯи мӯҳлатҳои муқарраркардаи қонунгузорӣ ё одатҳои муомилоти корӣ барои чунин бозор сурат мегирад (харид ва фуруш "бо шартҳои стандартӣ"), дар санаи бастани шартнома, яъне дар санае, ки Фонд ӯҳдадор мешавад дороии молиявиро харад ё фурушад инъикос карда мешавад. Ҳамаи амалиётҳои дигар аз рӯи харид он вақт эътироф карда мешаванд, ки фонд тарафи шартнома нисбати фишанги молиявии мазкур мешавад.

### Қатъ шудани эътирофи дороиҳои молиявӣ

Фонд эътирофи дороиҳои молиявиро он вақт катъ мекунад, ки (а) ин дороиҳо пардохт шуда бошанд ё ҳуқуқ ба селаҳои пулии бо ин дороиҳо алоқаманд ба шакли дигар гузашта бошанд, ё (б) Гурӯҳ ҳуқуқ ба селаҳои пулии ба ин дориҳои молиявӣ алокамандро дода бошад ё созишнома оиди додан баста бошад, (i) инчунин моҳиятан ҳама гуна хавф ва манфиатҳо марбут ба ин дороиҳоро дода бошад, ё (ii) моҳиятан ҳамагуна хавф ва манфиатҳо ба чунин дороиҳоро нигоҳ надошта бошад ё надода бошад, вале ҳуқуқи назорати нисбати ин дороиҳоро аз даст дода бошад. Назорат нигоҳ дошта мешавад агар контрагент имконияти амалии пурра фурухтани дороии бо тарафи сеюм бе ҷорӣ намудани чораҳои маҳдудкунанда барои фуруш алоқаманд надорад.

### 3.2 ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШИ (ЭКВИВАЛЕНТИ) ОНҲО

Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо моддаҳое баҳисоб мераванд, ки осон ба пули нақди муайян табдил меёбанд ва таҳти коҳиши ками арзиш қарор доранд. Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо дар худ ҳамаи амонатҳои байнибонкӣ ва васиқаҳои харидашудаи дигар

банкҳоро бо мӯҳлати пардохти на кам аз се моҳ дар бар мегиранд. Воситаҳое, ки нисбати онҳо маҳдудият нисбати истифодабарӣ дар давраи пешниҳоди ҳисобот зиёда аз се моҳ мавҷуд аст аз таркиби воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо хориҷ карда мешаванд.
Инчунин воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо аз маблағи нақд дар хазинаи Фонд ва маблағи дар ҳисобҳои ҷории бонкӣ мавҷуд буда иборат мебошанд.

**3.3 ҚАРЗҲО БА МИЗОҶОН**

Тибқи сиёсати баҳисобгирии Фонд қарзҳо дороиҳои молиявиеро ифода мекунанд, ки дар натиҷаи додани маблағи пулӣ бевосита ба қарзгиранда ба вуҷуд меоянд. Дар баҳисобгирӣ қарзҳо ба сифати дороиҳои молиявӣ ҳангоми додани маблағи пулӣ ба қарзгиранда эътироф карда мешаванд ва сараввал онҳо бо арзиши ибтидоӣ (аслӣ) баҳо дода мешаванд. Қарзҳо бо маблағи қарзи асосии пардохтанашуда мутобиқи шартномаи қарз баҳисоб гирифта мешаванд. Хароҷоти ба расмиятдарорӣ ва баҳодиҳии гарав, инчунин дигар хароҷоти ҳуқуқӣ ҳангоми ба вуқуъ омаданашон ба хароҷот дохил карда мешаванд.

Ба қарзҳои батаъхирафтода қарзҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо гузаштани мӯҳлат ё напардохтани қарз мушоҳида шудааст ва онҳо ҳамчун шубҳаовар ва чоранопазир (бээътимод) банду баст карда шудаанд.
Аз нав банду баст кардан азҳисоби қарзҳои стандартӣ ба ҳисоби қарзҳои мӯҳлаташон гузашта дар рузи эътироф намудани батаъхир афтодани мӯҳлати пардохт ба амал баровaрда мешавад.

Фонд дар ҳар як санаи ҳисоботӣ (хармоҳа) мавҷуд будани аломатҳои гуногуни эҳтимолияти пастшавии арзиши фоизҳои ҳисобишуда ва \ё ки маблағи асосии қарзро баҳо медиҳад. Баҳодиҳии мавҷудияти ягон намуд аломати воқеъии пастшавии дороии молиявӣ дар асоси далелҳои дар лаҳзаи омода сохтани хисоботи молиявӣ (дар охири ҳар моҳ) сурат мегирад.

Дар сурати мавҷуд будани аломатҳои объективи вобаста ба пастшавии арзиши карзҳои додашуда дар натиҷаи ҳодисаҳое, ки пас аз эътирофи ибтидоии дороӣ ба вуқуъ омадаанд Фонд барои пӯшонидани зарар фонди пӯшонидани талафоти имконпазир таъсис медиҳад. Ҳисобу китоби фонди пӯшонидани талафоти имконпазир дар асоси таҳлили дороиҳое, ки онҳо зери таҳдиди хавф қарор доранд гузаронида мешавад. Пас аз муайян намудани аломатҳои объективии беқурбшавӣ дар асоси индивидуалӣ ва бо шарти мавҷуд набудани чунин аломат, қарзҳо ба гурӯҳи активҳои молиявӣ, ки хусусияти ба ҳам монанди хавфи қарзӣ доранд барои муайян кардани аломати пастшавии арзиши он дар маҷмӯъ дохил карда мешаванд.
Ҳангоми гурӯҳбандии сандуқи қарзӣ ва барои таъсис додани фонди пӯшонидани талафотии эҳтимолӣ (ФПТИ), Фонд муқарраротu сиёсати баҳисобгирии тасдиқшударо татбиқ менамояд. Аз навҳисобкунии ФПТИ ҳармоҳа дар асоси пардохти ҳақиқии маблағи асосӣ ва фоизҳо инчунин ҳисоботи омоданамудаи шуъбаи қарздиҳӣ амалӣ карда мешавад.
Дар ҳолати номувофиқатии захираҳо Фонд ҳисобкуниҳои иловагиро ба захираҳо дар он даврае, ки норасоии захираҳо ошкор карда шуда буд мегузаронад. Захираи умумӣ барои беқурбшавӣ аз рӯи қарзҳои стандартӣ таъсис дода мешавад.
Азҳисоббарории қарзҳои батаъхирафтода мувофиқи сиёсати қарздиҳӣ бо қарори кумитаи қарзӣ гузаронида мешавад. Фонд пас аз азҳисоббарорӣ дар тавозун ҳамаи чораҳоро барои ситодани қарзҳои азҳиссоб баровардашуда меандешад. Қарзҳои азҳисоб

баровардашуда дар ҳисобҳои ғайритавозунӣ на камтар аз панҷ сол пас аз лаҳзаи азҳисоб баровардан инъикос карда мешаванд.
Бо мақсади ташаккули ФПТИ Фонд аз рӯи гурӯҳбандии сандуқи қарзи қарзҳои бо пули миллӣ додашударо бо чунин тартиб ҳисоб мекунад:

| *Мӯҳлати таъхир* | *Фоизи хавф* | *Тасниф* |
|---|---|---|
| то 30 рӯз | 2% | Қолабӣ |
| аз 30 то 90 рӯз | 5% | Ғайриқолабӣ |
| аз 90 то 180 рӯз | 10% | Шубҳанок |
| зиёда аз 180 рӯз | 15% | Беэътимод |

Фонд дар ҳолати гузаронидани қарзҳо ба гурӯҳи қарзҳои ғайритавозунӣ ба андозаи 100% маблағ фонди захиравӣ ташаккул медиҳад.

### 3.4 ДОРОИҲОИ ДИГАР

Ба сифати дороиҳои дигар ҳисобҳо барои қабул, маводи дафтардорӣ, пешпардохти андозҳо, пешпардохтҳо ба кормандон, пешпардохтҳо барои хизматрасониҳо ва ғайраҳо баҳисоб гирифта мешаванд.

### 3.5 ИҶОРАИ АМАЛИЁТӢ

Иҷорае, ки қисми муҳими хавфҳо, ҳуқуқи соҳибии он ба иҷорадеҳ мемонад, иҷораи амалиётӣ эътироф карда мешавад.
Фонд хароҷоти давраи ҳисоботӣ оид ба пардохти иҷораро бо усули ҳисобкунӣ ҳисоб намуда дар ҳисобот оид ба маҷмӯи даромад дарҷ менамояд.

### 3.6 ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

Воситаҳои асосӣ ба сифати дороӣ аз рӯи хароҷоти воқеӣ барои хариди онҳо эътироф карда мешаванд. Пас аз эътирофи аввала воситаҳои асосӣ пас аз тарҳи истеҳлоки/фарсоиши/ ҷамъшуда баҳисоб гирифта мешаванд. Хароҷоти минбаъда ба арзиши тавозунии дорои зам карда мешавад, агар эҳтимолияти объективии гирифтани манфиатҳои иқтисодии вобаста ба истифодабарии дорои мавҷуд бошад. Ҳамаи хароҷоти дигар дар ҳисобот оиди даромади маҷмӯи дар давраи мувофиқ инъикос мегарданд.

Тибқи муқаррароти Сиёсати баҳисобгирии *Фонд* истеҳлоки воситаҳои асосиро мувофиқи талаботи моддаи 118 Кодекси Андози ҶТ ҳисоб мекунад.
*Фонд* меъёрҳои зеринро барои ҳисобкунии истеҳлоки (фарсоиши воситаҳои асосӣ муайян кардааст:

| **Гурӯҳи дороиҳо** | **Меъёри фоиз** |
|---|---|
| Таҷҳизоти идоравӣ ва воситаи алоқа | 20% |
| Нақлиёт, мебел ва таҷҳизот | 15% |
| Муҳҳарикҳо | 8% |
| Бино ва иншоот | 7,5% |

## 3.7 ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ

Ба дороиҳои ғайримоддӣ дороиҳои шинохташавандаи ғайрипулӣ дохил мешаванд, ки шакли физикӣ надоранд. Дороиҳои ғайримоддие,ки алоҳида харида шудаанд аввал аз рӯи арзиши харид баҳо дода мешаванд. Пас аз эътирофи ибтидоӣ дороиҳои ғайримоддӣ аз рӯи арзиши харид бо тарҳи истеҳлоки ҷамъшуда ва зиёни ҷамъшуда аз беқурбшавӣ инъикос карда мешаванд. Арзиши аввала дар худ ҳамаи хароҷоти барои хариди онҳоро дар бар мегирад. Фонд истеҳлоки дороиҳои ғайримоддро мувофиқи талаботи моддаи 118 Кодекси Андози ҶТ ба роҳ мондааст:

| Гурӯҳи дороиҳо | Меъёри фоиз |
|---|---|
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 10% |

## 3.8 ЗАХИРАҲО

Фонд бо мақсади пӯшонидани зарари вобаста ба фаъолияти асосӣ ва дигар максадҳо фондҳои захиравиро тибқи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул медиҳад.

## 3.9 ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ

Воситаҳои қарзӣ сараввал аз рӯи арзиши бадастовардани онҳо баҳисоб гирифта мешаванд, ки маблағи воситаҳои гирифташуда бо тарҳи хароҷоти сарфшударо барои иҷрои ин амалиётҳоро дар бар мегирад. Минбаъд воситаҳои қарзӣ аз рӯи арзиши истеҳлокшуда баҳисоб гирифта мешаванд ва фарқият байни маблағи воситаҳои гирифташуда ва арзиши пардохташуда дар ҳисобот оиди фоида ва зарар дар давраи қарзгирӣ ба сифати хароҷоти фоизӣ инъикос мегардад. Фоизҳо аз рӯи қарзҳои гирифташуда ҳармоҳа аз рӯи арзиши номиналии андозаи фоиз аз бақияи напардохтаи маблағи асосӣ ва ё аз маблағи асосӣ вобаста ба шартҳои қарордоди қарзӣ ҳисоб карда мешаванд.
Ӯҳдадориҳои ҷорӣ дар тавозуни *Фонд* вобаста ба пайдо шуданашон - ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо кормандон аз рӯи музди меҳнат, маблағҳои ҳисобшудаи ӯҳдадориҳои андозҳо, ӯҳдадориҳои ҳисобшуда аз рӯи пардохти хароҷоти асосӣ ва ғ.

## 3.10 ЭЪТИРОФИ ДАРОМАД ВА ХАРОҶОТ

*Фонд* дар рафти фаъолияти амалиётии худ даромад ва хароҷотро аз рӯи усули ҳисобкунӣ эътироф мекунад. Усули ҳисобкунӣ пешбинӣ менамояд, ки даромад дар ҳамон давраи ҳисоботие, ки ба даст оварда шудааст эътироф карда мешавад новобаста аз он, ки воситаҳои пулӣ ба *фонд* ҳануз ворид нашудаанд. Ҳамчунин хароҷот дар ҳамон давраи ҳисоботие, ки онҳо ҷой доштанд новобаста аз он, ки аз тарафи фонд дар давраи мазкури ҳисоботӣ пардохта шудаанд ё не инъикос карда мешаванд.

## 3.11 АНДОЗБАНДӢ

Фонд андозҳоро аз рӯи низоми умумии андозбандӣ барои давраи ҷорӣ дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии андоз бо усули ҳисобу замкунӣ мувофиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб мекунад. Қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тавзеҳоти гуногун ва интерпретатсияро аз эҳтимол соқит намекунад ва

қисман ё пурра таҳти тағирот қарор мегирад. Интерпретатсияи қонунгузории андоз аз тарафи роҳбариятии Фонд ба амалиётҳои алоҳида ва дар маҷмӯъ истифода мешавад ки мумкин аст аз тарафи мақомоти андоз аз нав дида баромада шаванд. Фонд ӯҳдадориро аз рӯи масъалаҳои санҷиши андози ояндаро дар асоси баҳодиҳии натиҷаи ҳақиқии санҷиши андоз эътироф мекунад.

Харочоти андоз аз фоидаи дар ҳисобот оиди даромади умумӣ инъикос шуда дар худ маблағи ҷории андоз аз фоидаро мувофиқи қонунгузориҳои андози амалкунанда ва андоз аз фоидаи мавқуфгузошта таҷассум мекунад.

Фоида то андозбандӣ аз фоидаи андозбандишаванда фарқ мекунад, чунки ҳангоми муайян намудани манбаи андоз аз фоида моддаҳои бо мақсади андозбандӣ барои ҳисоби андоз истисношаванда ба эътибор гирифта намешаванд. Меъёри андоз аз фоида дар соли хисоботӣ дар ҳаҷми 23% ва на кам аз 1% маҷмуи даромад баробар аст.
Андозбандии мавқуфгузошта аз рӯи андоз аз фоида бо усули дороиҳои тавозунӣ ва ӯҳдадориҳо нисбати ҳамаи фарқиятҳои муваққатӣ байни манбаи андози дороиҳо ва арзиши тавозунии онҳо мувофиқи ҳисоботи молиявӣ ҳисоб карда мешавад. Дороиҳо ва ӯҳдадориҳо аз рӯи андозҳои мавқуфгузошташуда бо истифодаи меъёрҳои андозбандие, ки интизор меравад, ки дар он соле, ки дороиҳо фурӯхта мешаванд ва ӯҳдадориҳо пардохта мешаванд, муайян карда мешаванд, ки ба меъёрҳои андозбандие, ки дар давраи мазкур муайян шуда буданд ва ё дар санаи ҳисоботӣ воқеан муайян шуданд, асос мееёбанд.

Дороиҳо аз рӯи андозбандии мавқуфгузошташуда ба он дараҷае инъикос мешаванд, ки дар он эҳтимолияти гирифтани фоидаи андозбандишаванда вуҷуд дорад ки нисбати он фарқиятҳои муваққатӣ истифода бурда мешаванд.

## 3.12 АМАЛИЁТ БО АСЪОРИ ХОРИҶӢ

*Фонд* ҳисоботи молиявиро бо пули миллӣ-Сомонӣ омода ва пешниҳод менамояд.
Амалиёт бо асъори хориҷӣ қаблан дар рузи содир намудани амалиёт бо арзи миллӣ аз рӯи қурби асъори хориҷӣ, ки Бонки миллии Тоҷикистон муайян кардааст инъикос карда мешаванд. Фарқияти қурби байни курбҳои шартномавии амалиёт ва қурби расмии БМТ дар санаи содир шудани чунин амалиётҳо дар ҳисобот оиди даромади маҷмӯи ҳамчун даромади соф бо арзи хориҷӣ дарҷ карда мешавад.
Дороиҳои монетарӣ ва ӯҳдадориҳои бо арзи хориҷӣ дарҷ шуда ба арзи миллӣ аз рӯи қурби барои иваз муайяннамудаи БМТ дар санаи ҳисобот бозгардонида мешаванд. Фарқияти қурбии ҳангоми азнавбаҳодиҳии чунин дороиҳо ва ӯҳдадориҳо баамаломада дар ҳисобот оиди даромади маҷмӯи ҳамчун даромади соф бо арзи хориҷӣ аз азнавбаҳодиҳии арзи хориҷӣ дарҷ карда мешавад.

Қурби асъорҳое, ки ба фаъолияти иқтисодии Фонд таъсир мерасонанд чунин буданд:

| Номгӯи асъор | Қурб ба 31.12.2021 | Қурб ба 31.12.2020 |
|---|---|---|
| 1 Доллари ИМА | 11,3000 | 11,3000 |
| 1 ЕВРО | 12,7973 | 13,8934 |
| 10 Рубли руси | 0,1507 | 0,1506 |

## 3.13 САРМОЯИ ХУДӢ

Сармояи худии *Фонд* аз Сармояи захиравӣ барои фаъолияти оянда и Фонд ва фоидаи тақсимнашуда, захираи умумӣ, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда ташаккул ёфтааст ва захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ иборат аст.

## ТАҒИРОТ ДАР СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ

## ДАСТУРҲОИ НАВИ БАҲИСОБГИРӢ

Стандартҳо ва дастурҳои нави баҳисобгирӣ, тағиру иловаҳо ба стандартҳои ҷории амалкунанда нашр карда шудаанд, ки то санаи 31 декабри соли 2021 дар амал ҷорӣ карда нашудаанд ва ба мақсади таҳия намудани ҳисоботи молиявии мазкур ба инобат гирифта нашудаанд;

СБҲМ 9 “Фишангҳои молиявӣ”, ки мохи июли соли 2014 ба нашр расидааст, СБҲМ 39 “Фишангхои молиявӣ: эътироф ва баҳодиҳӣ”-ро иваз намуда, талаботи масъалаҳои гурухбандӣ, баҳодиҳии фишангҳои молиявӣ,беқуршавии дороиҳои молиявӣ ва суғуртакунии онҳоро дар бар мегирад.

***Гурӯҳбандӣ ва баҳодиҳӣ.*** СБҲМ 9 се категорияи асосии баҳодиҳии дороиҳои молиявиро дар бар мегирад: аз рӯи арзиши истеҳлокшаванда баҳододашаванда, аз рӯи арзиши одилона баҳододашаванда ба воситаи даромади маҷмӯи (FVOCI) ва аз рӯи арзиши одилона баҳододашаванда ба воситаи фоида ва ё зиён (FVTPL).

Мувофиқи СБҲМ 9 таснифоти дороиҳои молиявӣ асосан дар асоси бизнес-моделҳо муайян карда мешавад, ки дар доираи он идораи дороиҳои молиявӣ ва хусусиятҳои дар шартнома пешбинишудаи ҷараёнҳои воситаҳои пулӣ гузаронида мешавад.
Стандарт категорияҳои мавҷудаи дороиҳои молиявии дар СБҲМ (IAS) 39 будаpо бекор мекунад: дороиҳои молиявии то санаи пардохт нигоҳдошташаванда, қарзҳо , қарзҳои дебиторӣ ва дороиҳои молиявии барои фуруш мавҷудбуда. Мувофиқи СБҲМ 9 фишангҳои ҳосилшудаи ба шартномаи асосӣ дохилшуда ки дар худ дороии молиявии дар доираи стандарт истифодашавандаро дар бар мегиранд аз шартномаи асосӣ ҷудо карда намешаванд. Ба ҷои ин ҳамаи шартномаи гибридӣ куллан ба предмети таснифот баҳо дода мешавад. Фишангҳои қарзӣ аз рӯи арзиши одилона баҳо дода мешаванд.

СБҲМ (IFRS) 9 асосан талаботи дар СБҲМ (IAS) 39 амалкунандаро нисбати таснифоти ӯҳдадориҳои молиявӣ нигоҳ дошт.

**Беқурбшавӣ.** СБҲМ (IFRS) 9 модели “зиёни гирифташуда”-и дар СБҲМ (IAS) 39 ба модели “зиёни қарзҳои интизорӣ” иваз мекунад. Модели нави беқурбшавӣ нисбати фишангҳои молиявӣ истифода мешавад.
Баҳодиҳии зиёни қарзии интизорӣ бояд объективона ва баркашидашуда аз рӯи дараҷаи эҳтимолият бошад, бояд арзиши вақтии пулро инъикос намояд ва маълумоти асоснок ва тасдиқшавандаро дар бар гирад,ки гирифтани он нисбати ҳодисаҳои гузашта, шартҳои ҷорӣ ва пешбинисозии шартҳои иқтисодии оянда бе хароҷоти зиёд ва талош имконпазир бошад.

***Мувофиқи*** СБҲМ (IFRS) 9 эътирофи зиёнҳои қарзи нисбати СБҲМ (IAS) 39 пештар мегузарад ва ба зиёдшавии кашолёби дар фоида ва ё зиён оварда мерасонад. Инчунин ин ба афзоиши захираи баҳододашавандаи зиён оварда мерасонад, чунки зиёни баҳододашаванда аз рӯи ҳамаи дороиҳои молиявӣ на камтар аз андозаи 12 моҳаи зиёни баҳододашаванд ва маҷмӯи дороиҳои молиявӣ баҳо дода мешаванд, ки аз рӯи онҳо зиёни эҳтимолии қарзӣ ба тамоми мӯҳлат бо дараҷаи баланди эҳтимолият аз тамоми маҷмӯи дороиҳои молиявии бо аломатҳои объективонаи беқурбшавӣ ошкоршуда мувофиқи СБҲМ (IAS) 39 зиёд буда метавонад.

**Гузариш ба СБҲМ (IFRS) 9.** Талабот аз рӯи таснифот ва баҳодиҳӣ дар ҳолати умумӣ ба таври ретроспективӣ (ретроспективно) ( бо баъзе озодкуниҳо) бо роҳи тасҳеҳи бақияи ибтидоии фоидаи соф ва захираҳо ба санаи истифодаи ибтидоӣ истифода бурда мешавад. Стандарт талабот оиди азнавҳисобкунии маълумотҳои муқоисавии давраҳои гузаштаро надорад.

- "Лоиҳа дар бораи талабот оиди кушодани маълумот" (иловаҳо ба СБҲМ 7 "Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ");

Эътирофи дороиҳои андозҳои батаъхиргузошта нисбати зиёнҳои ба давраҳои оянда гузаронидашудаи зиёни андозҳои истифоданашуда (ислоҳот ба СБҲМ (IAS) 12 «Андоз аз фоида»); Таснифот ва баҳодиҳии амалиёт бо пардохтҳо дар асоси саҳмияҳо (тасҳеҳ ба СБҲМ (IFRS) 2 "Пардохт дар асоси саҳмияҳо").

**СБҲМ (IFRS) 16 "Иҷора"** дастурҳои амалкунандаро нисбати баҳисобгирии иҷораро бо назардошти (IAS) 17 "Иҷора" иваз мекунад. СБҲМ (IFRS) 16 "Иҷора" нисбати ҳисоботи солона аз 1 январи соли 2019 мавриди амал қарор гирифта аст.

Агар дар боло чизи дигаре пешбинӣ нашуда бошад интизор меравад ки стандартҳои нав ва таснифоти онҳо ба ҳисоботи молиявии фонд таъсири на онқадар калон мерасонанд

## 4. ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ УМУМӢ

### 4.1 ДАРОМАДҲОИ ФОИЗӢ

Фонд дар ҷараёни фаъолияти худ даромади фоизӣ аз рӯи қарзҳо ва дигар даромад мегирад. Даромад ва хароҷот аз рӯи натиҷаи фаъолият дар соли 2021 дар ҷадвалҳои поён овардашуда пешниҳод шудаанд:

| Номгуй | 2021с. | 2020с. |
|---|---|---|
| Даромади фоизӣ аз рӯи қарзҳои мизоҷон | 1 287 321 | 1 280 419 |
| Дигар даромадҳои фоизӣ | 3 658 | 2 368 |
| **Ҳамагӣ** | **1 290 979** | **1 282 786** |

### 4.2 ХАРОҶОТ БАРОИ ТАШАККУЛИ ФПТИ

| Номгуй | 2021с. | 2020с. |
|---|---|---|
| Фонди махсус аз рӯи қарзҳо | 86 140 | - |
| Фонди махсус аз руи гаравҳо | - | 110 839 |
| Фонди махсуи аз руи фоизҳо | 48 | |
| **Ҳамагӣ** | **86 188** | **110 839** |

## 4.3. ХАРОҶОТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ КОМИССИОНӢ

| Номгуй | 2021с. | 2020с. |
|---|---|---|
| Хароҷоти комиссионӣ ва хизматрасонӣ – ҳақгузорӣ | 345 | - |
| **Ҳамагӣ** | **345** | **-** |

## 4.4. ДИГАР ДАРОМАДҲОИ АМАЛИЁТӢ

| Номгуй | 2021с. | 2020с. |
|---|---|---|
| Даромад аз барқарорсозии арзиши қарзҳо | 7 962 | 1 811 |
| Даромад аз барқарорсозии дороиҳои аз ҳисоб хориҷшуда | - | 1 056 |
| Даромад аз фуруши гарави гирифташуда барои фуруш | 97 124 | - |
| Дигар даромадҳо | 990 | 7 689 |
| **Ҳамагӣ** | **106 076** | **10 557** |

## 4.5. ХАРОҶОТИ ИДОРАВӢ ВА ДИГАР ХАРОҶОТИ АМАЛИЁТӢ

| НОМГӮИ ХАРОҶОТ | 2021с. | 2020с. |
|---|---|---|
| Маоши кормандон | 784 500 | 728 653 |
| Ҳақгузорӣ ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ | 198 312 | 186 502 |
| Пардохти ҳақи хизмати аудиторони беруна | 25 000 | 42 000 |
| Пардохти хизматрасониҳои касбӣ | 22 966 | 28 625 |
| Ҳисобкунии фарсоиш ва истеҳлок | 32 334 | 53 972 |
| Хароҷоти иҷорапулӣ | 59 106 | 73 978 |
| Хароҷоти истифодаи об, барқ ва гармидиҳӣ | 13 387 | 13 822 |
| Дигар ҷарима ва ҷаримаи аҳдшиканӣ | 1 800 | 15 497 |
| Хароҷоти таъмир ва муоинаи техникӣ | 2 705 | 3 083 |
| Хароҷоти сузишворӣ ва равғанҳои молиданӣ | 10 786 | 9 006 |
| Сафари хизматӣ ва роҳкиро | 4 544 | 1 805 |
| Хароҷоти техникаи иттилоотӣ | 5 664 | 600 |
| Хизмати алоқа | 8 788 | 8 454 |
| Андозҳо | 12 761 | 50 929 |
| Хароҷоти обуна | 520 | - |
| Молҳои дафтардорӣ ва дигар лавозимот | 21 649 | 6 086 |
| Хароҷоти намояндагӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ | 1 500 | 1 255 |
| Хароҷоти реклама ва хабардорнамоӣ | 254 | - |
| Ҳаққи узвият ва ҳақгузорӣ | 2 034 | 4 103 |
| Ҳайрия ва ҳақгузориҳои хайриявӣ | 5 000 | - |
| Дигар хароҷот | 15 774 | 4 262 |
| **Ҳамагӣ** | **1 229 385** | **1 232 633** |

## 4.6 ХАРОҶОТИ АНДОЗ АЗ ФОИДА

Мувофиқи сиёсати баҳисобгирии қабулгардида барои маълумотҳои ҳисоботи молиявӣ Фонд даромад ва хароҷотро аз рӯи усули ҳисобкунӣ (замкунӣ) эътироф мекунад.
Меъёри андоз аз фоида дар соли 2021 тибқи Кодекси Андози Ҷумҳурии Тоҷикистон 23% ва на кам аз 1% аз маҷмӯи даромади умумиро ташкил медиҳад. Хароҷоти умумии андоз аз фоида дар соли ҳисоботӣ маблағи 48 067 сомониро ташкил додааст.

## 5. ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

### 5.1 ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШИ ОНҲО

Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо дар фонд аз нишондиҳандаи зерин иборатанд:

| Номгуй | 31.12.2021с. | 31.12.2020с. |
|---|---|---|
| Хазина бо асъори миллӣ | 4 030 | 142 |
| Воситаҳои пулӣ дар бонк-сомонӣ | 1 714 | 118 |
| **Ҳамагӣ** | **5 744** | **260** |

### 5.2 ҚАРЗҲО БА МИЗОҶОН ДОДАШУДА

31.12.2020

| | Шумораи қарзҳо | Маблағи қарз | ФПТИ | Ҳамагӣ | Ҳисса |
|---|---|---|---|---|---|
| Қарзҳои қолабӣ | 1 324 | 4 374 672 | - | **4 374 672** | 87,86% |
| Қарзҳои тамдидшуда | 10 | 39 400 | - | **39 400** | 0,79% |
| Қарзҳои батаъхирафтода | 110 | 667 774 | (102 484) | **565 290** | 11,35% |
| **Ҳамагӣ** | **1 444** | **5 081 845** | **(102 484)** | **4 979 361** | **100,00%** |

31.12.2021

| | Шумораи қарзҳо | Маблағи қарз | ФПТИ | Ҳамагӣ | Ҳисса |
|---|---|---|---|---|---|
| Қарзҳои қолабӣ | 1 317 | 5 007 309 | - | 5 007 309 | 91,63% |
| Қарзҳои тамдидшуда | 4 | 152 318 | - | **152 318** | 2,79% |
| Қарзҳои батаъхирафтода | 79 | 386 300 | (81 434) | 386 300 | 5,58% |
| **Ҳамагӣ** | **1 400** | **5 545 927** | **(81 434)** | **5 464 493** | **100,00%** |

#### 5.2.1 ФПТИ аз рӯи қарзҳо

| | 2021с. |
|---|---|
| **Бақияи ФПТИ аз рӯи қарзҳо дар аввали сол** | 102 484 |
| ФПТИ ҳисобкардашуда дар давоми сол | 86 140 |
| Барқарорсозии ФПТИ аз руи қарзҳо | (7 962) |
| Қарзҳо дар давоми соли аз эътибор соқитшуда | (99 229) |
| **Бақияи ФПТИ аз рӯи қарзҳо дар охири сол** | **81 434** |

Фонд ФПТИ - ро дар асоси муқаррароти Сиёсати дохилии Фонд ҳисоб менамояд.

### 5.2.2 Таснифи Қарзҳо аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт

| Номгӯ | 31 декабри 2021 | | 31 декабри 2020 | |
|---|---|---|---|---|
| | Маблағ | Ҳисса | Маблағ | Ҳисса |
| Растанипарварӣ | 1 144 238 | 20,63% | 1 477 325 | 29,07% |
| Чорводорӣ | 3 269 448 | 58,95% | 2 708 598 | 53,30% |
| Истеъмолӣ | 821 260 | 14,81% | 790 601 | 15,56% |
| Савдо ва хизматрасонӣ | 43 801 | 0,79% | 48 422 | 0,95% |
| Дигар сохаҳо | 267 180 | 4,82% | 56 899 | 1,12% |
| **Ҳамагӣ** | **5 545 927** | **100,00%** | **5 081 845** | **100,00%** |
| Захира барои ФПТИ | (81 434) | | (102 484) | |
| **Ҳамагӣ арзиши соф** | **5 464 493** | | **4 979 361** | |

### 5.2.3 Таснифи қарзҳо аз рӯи мӯҳлати пардохт

| Мӯҳлати қарз | 31 декабри 2021 | 31 декабри 2020 |
|---|---|---|
| Аз 1 то 12 моҳ | 3 527 764 | 3 612 779 |
| Аз 12 то 24 моҳ | 1 619 304 | 1 064 193 |
| Зиёда аз 24 моҳ | 398 858 | 404 873 |
| **Ҳамагӣ** | **5 545 927** | **5 081 845** |
| Захира барои ФПТИ | (81 434) | (102 484) |
| **Ҳамагӣ арзиши соф** | **5 464 493** | **4 979 361** |

### 5.2.3 Таснифи қарзҳо аз рӯи минтақаҳои ҷуғрофӣ

| Номгӯи шаҳру ноҳияҳо | 31 декабри 2021 | | 31 декабри 2020 | |
|---|---|---|---|---|
| | Маблағ | Ҳисса | Маблағ | Ҳисса |
| ш.Хуҷанд | 5 164 | 0,09% | 130 577 | 2,57% |
| ш. Исфара | 147 771 | 2,66% | 247 187 | 4,86% |
| ш. Истаравшан | 519 540 | 9,37% | 479 082 | 9,43% |
| н. Зафаробод | 1 885 475 | 34,00% | 1 490 657 | 29,33% |
| н. Ашт | 1 103 688 | 19,90% | 1 119 674 | 22,03% |
| н. Б. Гафуров | 1 237 343 | 22,31% | 1 006 998 | 19,82% |
| н. Ҷ. Расулов | 646 946 | 11,67% | 607 670 | 11,96% |
| н. Зафаробод | | | | |
| **Ҳамагӣ** | **5 545 927** | | **5 081 845** | |
| Захира барои ФПТИ | (81 434) | | (102 484) | |
| **Ҳамагӣ арзиши соф** | **5 464 493** | **100%** | **4 979 361** | **100%** |

| | Қарзҳо ба корхонахои тичорати | Қарзҳо ба корхонаҳои давлатӣ | Қарзшо ба шахсони вокеъӣ | Ҳамагӣ | Захираҳо барои беқурбшавии сандуқи қарзӣ | Ҳамаги қарзҳо баъди тарҳи захираҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Қолабӣ | - | - | 5 007 309 | 5 007 309 | - | 5 007 309 |
| Ғайриқолабӣ | - | - | 152 318 | 152 318 | - | 152 318 |
| Шубҳанок | - | - | - | - | - | - |
| Хатарнок | - | - | - | - | - | - |
| Беэътимод | - | - | 386 300 | 386 300 | (81 434) | 304 866 |
| **Ҳамагӣ қарзҳои қолабӣ ва муҳлатгузашта** | - | - | **5 545 927** | **5 545 927** | **-(81 434)** | **5 464 493** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Қарзҳои қолабӣ ва мӯҳлатгузашта то 8 руз | - | - | 5 007 309 | 5 007 309 |
| Қарзҳои мӯҳлатгузашта аз 8 то 30 руз | - | - | 152 318 | 152 318 |
| Қарзҳои мӯҳлатгузашта аз 31 то 60 руз | - | - | - | - |
| Қарзҳои мӯҳлатгузашта аз 61 то 180 руз | - | - | - | - |
| Қарзҳои мӯҳлатгузашта зиёда аз 180 руз | - | - | 386 300 | 386 300 |
| **Ҳамагӣ қарзҳо ба мизоҷон** | - | - | **5 545 927** | **5 545 927** |
| Захирахо барои беқурбшавии қарзҳо ба мизоҷон | - | - | (81 434) | (81 434) |
| **Ҳамаги, қарзхо ба мизочон (соф)** | - | - | **5 464 493** | **5 464 493** |

## 5.3 ФОИЗҲО БАРОИ ГИРИФТАН

| Номгуй | 31.12.2021с. | 31.12.2020с. |
|---|---|---|
| Фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан бо арзи миллӣ | 90 087 | 91 228 |
| **Ҳамагӣ** | **90 087** | **91 228** |

## 5.4 ДОРОИҲОИ ҶОРИИ ДИГАР

| Номгуй | 31.12.2021с. | 31.12.2020с. |
|---|---|---|
| Маводҳои дафтардории истифоданашуда | - | 21 145 |
| Пешпардохти изофаи андоз | 100 591 | 148 658 |
| Хароҷоти қаблан пардохтшуда | 774 | 220 |
| **Ҳамагӣ** | **101 365** | **169 583** |

## 5.5 ГАРАВҲОИ ГИРИФТАШУДА БАРОИ ФУРӮШ

| Номгуй | 31.12.2021с. | 31.12.2020с. |
|---|---|---|
| Гарвҳои гирифташуда барои фуруш | - | 358 604 |
| **Ҳамагӣ** | - | **358 604** |

## 5.6 ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

| Номгуй | 31.12.2021с. | 31.12.2020с. |
|---|---|---|
| Воситаҳои асосӣ | 249 432 | 243 436 |
| Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ | (173 876) | (155 079) |
| **Ҳамагӣ** | **75 556** | **88 357** |

### 5.6.1 Тағирёбӣ дар таркиби воситаҳои асосӣ

| | Мебел | Таҷҳизоти идоравӣ | Беҳтаргар донии воситаҳои иҷоравӣ | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|
| **Арзиши аввала ба 01.01.2020с.** | **59627** | **93 947** | **57 872** | **211 446** |
| Истеҳлоки ҷамъшуда | (52 469) | (78 155) | (14 853) | **(145 478)** |
| **Арзиши тавозунӣ ба 01.01.2020с.** | **7 158** | 15 792 | 43 019 | **65 968** |
| Воридоти ВА | - | 31 246 | 1 791 | **33 037** |
| Аз эътибор соқиткунии ВА | - | - | - | - |
| Беэътиборкунии истеҳлок ҳангоми соқиткунии ВА | - | (1 048) | - | **(1 048)** |
| Ҳисобкунии фарсудашавӣ | (2 357) | (3 554) | (4 738) | **(10 649)** |
| **Арзиши ба 31.12.2020с.** | **59 627** | **124 145** | **59 663** | **243 435** |
| Истеҳлоки ҷамъшуда | (54 826) | (80 661) | (19 591) | **(155 079)** |
| **Арзиши тавозунӣ ба 31.12.2020с.** | **4 801** | **43 484** | **40 072** | **88 357** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Воридоти ВА | 6 696 | - | - | **6 696** |
| Аз эътибор соқиткунии ВА | (699) | - | - | **(699)** |
| Беэътиборкунии истеҳлок ҳангоми соқиткунии ВА | 220 | - | - | **220** |
| Ҳисобкунии истеҳлоқ | (8 078) | (6 372) | (4 567) | **(19 018)** |
| **Арзиш ба 31.12.2021 сол** | **65 624** | **124 145** | **59 663** | **249 432** |
| Истеҳлоқи ҷамъшуда | (62 684) | (87 033) | (24 159) | **(173 876)** |
| **Арзиши тавозунӣ ба 31.12.2021сол** | **2 939** | **37 112** | **35 505** | **75 556** |

## 5.7 ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ

| Номгуй | 31.12.2021с. | 31.12.2020с. |
|---|---|---|
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 42 179 | 42 179 |
| Фарсоиши дороиҳои ғайримоддӣ | (35 373) | (31 907) |
| **Ҳамагӣ** | **6 807** | **10 273** |

## 5.8 САРМОЯГУЗОРӢ

| Номгуй | 31.12.2021с. | 31.12.2020с. |
|---|---|---|
| Саҳмияҳои корхона ва ташкилотҳо | 23 600 | 23 600 |
| **Ҳамагӣ** | **23 600** | **23 600** |

Саҳмияҳои харидашудаи ҶСК "НОБ-и Роғун" ҳамчун дороиҳои молиявӣ баҳисоб гирифташуда бетағир боқӣ мондаанд. Бо сабаби рушд накардани бозори саҳмия дар ҶТ арзиши онҳо бо арзиши таърихӣ дарҷ карда шудааст.

## 5.9 АНДОЗҲО БАРОИ ПАРДОХТ

| Номгуй | 31.12.2021с. | 31.12.2020с. |
|---|---|---|
| Дигар андозҳо барои пардохт | 1 181 | 2 010 |
| **Ҳамагӣ** | **1 181** | **2 010** |

## 5.10 УҲДАДОРИҲОИ ҶОРИИ ДИГАР

| Номгуй | 31.12.2021с. | 31.12.2020с. |
|---|---|---|
| Ҳисобҳо барои пардохт - пули миллӣ | 25 000 | 15 073 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 16 | - |
| **Ҳамагӣ** | **25 016** | **15 073** |

## 5.11 САРМОЯИ ХУДӢ

| | 31.12.2021с. | 31.12.2020с. |
|---|---|---|
| Сармояи захиравӣ барои фаъолияти оянда | 1 304 855 | 1 304 855 |
| Захираи умумӣ | 96 000 | 96 000 |

| | | |
|---|---|---|
| Сармояи изофавӣ | 1 209 875 | 1 209 875 |
| Фоидаи тақсимнашуда | 3 130 726 | 3 093 451 |
| **Ҳамагӣ** | **5 741 456** | **5 704 182** |

## ЭЗОҲИ 6. ӮҲДАДОРИҲОИ ШАРТӢ

Роҳбарияти *Фонд* тасдиқ мекунад, ки ӯҳдадориҳои муҳим ҷой надоранд, ки тавонанд ба ҳолати молиявӣ ва натиҷаҳои фаъолияти он дар ояндаи наздик таъсири бузург расонанд.

### ФАКТҲОИ ШАРТИИ ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГӢ

### БАҲСҲОИ СУДӢ

Роҳбарият тасдиқ менамояд,ки дар ҷараёни фаъолияти ҷорӣ Фонд ба суд оиди аз тарафи муштариён иҷро накардани шартҳои шартномаи қарзӣ аз рӯи саривақт напардохтани қарз шикоят бурдааст. Ба ҳолати 31.12.2021 се адад даъвои судӣ нисбати ду шахси ҳуқуқӣ ва як нафар шахси воқеӣ мавҷуд аст, ки маблағи умумии он ба 283 848,00 сомонӣ баробар аст. Ба санаи таҳия хулосаи аудиторӣ ҳолатҳои мавриди баҳс қарор дошта вуҷуд надоштанд.

### ӮҲДАДОРИҲОИ ШАРТИИ АНДОЗ

Қонунгузории андоз нисбати амалиётҳои алоҳида ва дар маҷмӯъ дар фаъолияти Фонд мавриди тавзеҳоти гуногун қарор мегирад. Аз ин сабаб тафсирҳои андози аз тарафи роҳбарият муайяншуда ва ҳуҷҷатҳои расмии тавзеҳоти андозро асосноккунанда эҳтимол аст аз тарафи мақомоти андоз аз нав дида баромад шаванд. Хавфи аз тарафи мақомоти андоз илова ҳисоб намудани андоз барои соли аудитшаванда вуҷуд дорад. Мо нисбати ин масъала то қабул шудани эъломияи андоз аз фоида ва гузаронидани санҷиши маҷмуии андоз аз тарафи мақомоти андоз ақидаи худро баён карда наметавонем. Роҳбарияти Фонд ӯҳдадориро аз рӯи масъалаҳои санҷиши андози ояндаро дар асоси баҳодиҳии натиҷаи ҳақиқии санҷиши андоз эътироф мекунад.

## ЭЗОҲИ 7. ҲОЛАТҲОЕ, КИ ПАС АЗ САНАИ ҲИСОБОТИ ТАВОЗУНӢ БА АМАЛ ОМАДАНД.

Ҳодисаҳои муҳим баъди давраи ҳисоботӣ то чопи ҳисоботи аудиторӣ ҷой надоштанд.

## ЭЗОҲИ 8. СИЁСАТИ ИДОРАИ ХАВФҲО

Идораи хавфҳо асосҳои муҳим дар соҳаи бизнеси бонкӣ дорад ва элементи муҳими фаъолияти Фонд мебошад. Натиҷаи фаъолияти Фонд бештар аз сифати усулҳои баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ ва идораи онҳо вобаста аст. Хавф баҳои потенсиалии талафоте ки Фонд метавонад дошта бошад баҳисоб меравад.
Идораи хавфҳои бонкӣ мавҷуд будани усулҳо ва баҳодиҳии шуморавии онҳоро, аз он ҷумла эҳтимолияти ба амал омадани ҳодисаҳои ғайричашмдошт ва ҳаҷми талафоти ҳамсонро пешбинӣ мекунад.

**Хавфпазирӣ ва сабабҳои пойдоиши онҳо**

Хавфҳои асосие, ки ба фаъолияти Фонд мансуб мебошанд инҳо хавфи қарзӣ, хавфи пардохтпазирӣ, хавфи арзӣ, хавфи фоизӣ, хавфи амалиётӣ ва таҷаммӯи хавф баҳисоб мераванд.

Сабабҳои пайдоиши хавфҳо ин мебошанд:

- шароитҳои ғайри талаботи барои иҷрои ӯҳдадориҳои ба худ гирифтаи контрагентҳо;
- тағирёбии номусоиди таркиби бозор;
- нодуруст ба роҳ мондани фаъолияти амалиётӣ;
- бесамар ташкил кардани фаъолияти Фонд дар натиҷаи ҳолатҳои номусоиди берунӣ.

**Хавфи бозорӣ**

Фонд зери таъсири хавфи бозори қарор дорад ки бо позитсияҳои кушода аз рӯи фишангҳои арзӣ ва фоизҳое, ки таҳти хавфи умумӣ ва алоҳидаи (спесификии) тағирот дар бозор алоқаманданд. Роҳбарият маҳдудиятро (лимит) нисбати сатҳи хавфи қабулшаванда муайян мекунад ва риояи онро ҳамаруза назорат мекунад.Вале истифодаи чунин усул наметавонад зиёни аз ин лимитҳо зиёдро дар ҳолати тағирёбии муҳим дар бозор пешгирӣ кунад,

**Хавфи қарзӣ** –ин хавфи талафи молиявие,ки дар натиҷаи аз тарафи қарзгирандаи фонд иҷро накардани ӯҳдадориаш ба амал меояд.
Дар ҷараёни фаъолият *Фондро* хавфи қарзӣ тахдид мекунад, ки он ба саривақт напардохтан ва ғайриимконпазирӣ ва ё нопурра пардохтани қарзҳо ва фоизҳои ҳисобшуда алоқаманд аст.
Зери таҳдиди хавф қарор доштан ба воситаи таҳлили мунтазами қобилияти қарздорон ва қарзгирони имконпазир барои баргардонидани фоизҳои ҳисобшуда ва маблағи асосӣ идора карда мешавад.

Зери тахдиди хавфи қарзӣ қарор доштан ба воситаи гирифтани гарав ва кафолатҳо идора карда мешавад. *Фонд* аз рӯи дастури сиёсати қарзӣ талаботҳоро барои таъмини гарав вобаста ба маблағи дархостшавандаи қарзгир, давраҳо ва таърихи қарзии қарзгир тасдиқ кардааст.

Фонд хавфи қарзиро дар асоси индивидуалӣ, яъне хавфи напардохтани маблағи асосӣ ва фоизҳоро аз тарафи қарзгиранда дар мӯҳлати дар шартнома муайяншударо баҳо медиҳад..
Захира аз рӯи бекурбшавӣ дар ҳисоботи молиявӣ танҳо барои талафоте,ки дар санаи ҳисоботӣ дар асоси аломатҳои объективии тасдиққунандаи он ки дар давраи баъди эътирофи бекурбшавӣ ба амал омада буданд эътироф карда мешаванд. Аз сабаби фарқияти истифодаи методологияҳои гуногун маблағи зиёни қарзии гирифташудаи барои ҳисоботи молиявӣ ҳисобшуда одатан аз маблағи дар асоси модели талафоти эҳтимолӣ муайяншуда камтар мебошад.
Аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон меъёрҳо барои танзими хавфи қарзии ташкилотҳои маблағгузори хурд муайян шудааст. Ҳаҷми як қарзи хурд ба шахси воқеӣ на бояд аз маблағи баробар ба 250000 сомонӣ ва барои шахсони ҳуқуқӣ баробар ба 500 000

сомонӣ зиёд бошад. Андозаи як қарзи хурди ба ташкилоти молиявии хурди дигар додашуда набояд аз маблағи баробар ба 1,5 млн сомонӣ зиёд бошад.

**Хавфи пардохпазирӣ**

**Хавфи пардохпазирӣ-**ин хавфи пайдоиши мушкилот ҳангоми гирифтани воситаҳои пулӣ барои бозгардонидани амонатҳо ва пардохти ӯҳдадориҳое,ки бо фишангҳои молиявӣ ҳангоми расидани мӯҳлати ҳақиқии пардохти онҳо алоқаманд аст.

Фонд ҳамаруза талабот ба воситаҳои пулии озодро барои ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои ҷорӣ, пардохти қарзҳо ва дигар талабот аз рӯи фишангҳои молиявии бо воситаҳои пулӣ баргардонидашавандаро эҳсос мекунад.Фонд идораи пардохтпазириро бо мақсади таъмини воситаҳои пулии нақд дар дилхоҳ вақт барои ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои бо ҳаракати воситаҳои пулӣ алоқаманд вобаста ва расидани мӯҳлати пардохташон амалӣ мекунад. Воситаи асосии аз тарафи Фонд барои назорати пардохтпазирӣ истифодашаванда ин таҳлили пешбинисозиҳои ҳаракати воситаҳои пулӣ мебошад.

**Хавфи фоизӣ**

Идораи хавфи фоизӣ бо роҳи ба танзим даровардани мӯҳлати баргардонидани ӯҳдадориҳо ва дороиҳо амалӣ карда мешавад. Баҳодиҳии перспективии андозаи хавфи фоизӣ аз рӯи ҳар кадоми фишанг имкон медиҳад, ки чораҳо барои кам кардани таъсири он ба фоидаи Фонд андешида шаванд, чунки камшавии даромад ё зиёни бевосита метавонанд ба бадшавии коэфисиенти кифоягии сармоя оварда расонад.

**Хавфи асъорӣ**

Фонд тахти хавфи вобаста ба таъсири тағирёбии қурби асъори хориҷӣ ва таъсири он ба ҳолати молиявии он ва селаи воситаҳои пулӣ қарор надорад. Фонд ӯҳдадориҳои бо арзи хориҷӣ гирифта надорад,ки дар оянда онҳоро бояд бо арзи хориҷӣ баргардонад. Қарзҳо танҳо бо арзи миллӣ дода мешаванд.

**Хавфҳои амалиётии дохилӣ**

**Хавфи амалиётӣ-** ин хавфи ба амал омадани зиён дар натиҷаи вайрон шудани кори системаҳои назорати дохилӣ, аз кор мондани системаҳои электронии коркарди маълумотҳо, амалҳои хатогӣ ва ё барқасдонаи корманд ва ҳолатҳои форс-мажор мебошад.

**Таҷаммӯи (концентрация) хавф**

Таҷаммӯи хавф дар ҳолате ба амал меояд ки қисми контрагентҳо фаъолияти монандро амалӣ мекунад ва ё фаъолияти онҳо дар як минтақаи ҷуғрофӣ ба роҳ монда шуда аст ва ё контрагентҳо дорои хусусиятҳои монанди иқтисодӣ мебошанд ва дар натиҷаи тағирёбии шартҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар шартҳое, ки таъсири ҳамсон ба қобилияти контрагентҳо барои иҷрои ӯҳдадориҳояшон мерасонанд. Таҷаммӯи хавфҳо ҳиссиёти таносубии натиҷаи фаъолияти Фондро ба тағирёбии шароитҳое,ки ба соҳаи муайян ва ё

минтақаи ҷуғрофӣ таъсир мерасонанд инъикос мекунанд. Роҳбарияти Фонд сегменти асосии фаъолиятро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалтар мешуморад.

## ЭЗОҲИ 9. АМАЛИЁТҲО БО ТАРАФҲОИ АЛОҚАМАНД

### АМАЛИЁТҲО БО ТАРАФҲОИ АЛОҚАМАНД

Мувофиқи СБҲМ (IAS) **24 "Ифшои маълумот бо тарафҳои алоқаманд"**-тарафҳо алоқаманд ҳисобида мешаванд, агар онҳо зери назорати умумӣ қарор дошта бошанд, ва ё яке аз онҳо имконияти назорати тарафи дигарро дошта бошад, ё ки метавонад ҳангоми қабули қарорҳои молиявӣ ва амалиётӣ таъсири муҳим расонад. Ҳангоми баррасии муносибатҳои мутақобила бо ҳамаи тарфҳои алоқаманд мазмуни иқтисодии чунин муносибатҳо ба назар гирифта мешаванд, на танҳо шакли ҳуқуқии онҳо. Бақия аз рӯи амалиётҳо бо тарафҳои алоқаманд ба 31 декабри соли 2021 чунин мебошад:

| № | Шахсони вобаста | Санаи пешниҳоди қарз | Фоизи солонаи қарз | Маблағи қарзи додашуда | Бақияи қарз дар 31.12.2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳасанов Нӯъмон | 16.07.2021 | 18 | 20 000 | 16250 |
| 2. | Абдуназаров Умедҷон | 13.09.2021 | 18 | 10 000 | 7 470 |
| 3. | Қаюмова Мунзифа | 30.09.2021 | 18 | 10 000 | 8 335 |
| 4. | Норова Зарина | 16.12.2021 | 18 | 12 000 | 11 334 |
| | **Ҳамагӣ** | | | **32 000** | **27 139** |

Ба гурӯҳи шахсони калидӣ раис ва аъзоёни Шӯрои парасторони Фонд, кормандони шӯъбаи қарз, инчунин директори Фонд, ки корманди он мебошанд дохил мешаванд.

**Санаи тасдиқи чопи ҳисобот**

Ҳисоботи мазкур аз тарафи роҳбарияти Фонд барои чоп 22 апрели соли 2022 тасдиқ карда шуд.

| | |
|---|---|
| ________________ | ______________ |
| **Директор** | **Сармуҳосиб** |
| **Ҳасанов Н.Р.** | **Норова З.Ҳ.** |